**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати роисолаи илмии Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.05. – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (илмҳои педагогӣ)**

Омӯзиши фанҳои дақиқ, махсусан математика, барои инкишоф додани майнаи сар заминаи боэътимод мегузорад. Аз худ намудан ва дар ҳаёти ҳамарӯза истифода бурдани малакаю маҳорати математикӣ барои омӯзандагони фанҳои дақиқ маҳорат ва истеъдоди баландро талаб менамояд. Математика ҳамчун илми дорои таърихи қадимӣ дар асоси фаъолияти меҳнатии одамон ба вуҷуд омада, имрӯз рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Нақши илми математика дар инкишофи ҷамъияту омӯзиши табиат басо муҳим буда, дар ҳама соҳаҳои илми риёзӣ нақши пешбарандаро доро мебошад. Инкишоф додани истеъдоди математикӣ на танҳо ба нафароне зарур аст, ки дар оянда мутахассиси хуби фанҳои дақиқ бошанд, балки барои кори ташкилотчигӣ, истеҳсолот, иқтисоддон ва коргари соҳибмаълумот зарур аст. Тарзи муҳокимаронии мантиқӣ математикӣ, малакаи фикрронии аниқ ва боваринок барои ҳуқуқшинос, таърихшинос, инчунин, барои биолог ва духтур низ ба нафъи кор аст. Нақши математикон дар замири таърих мусбат арзёбӣ мегардад. Маҳз дастовард ва кашфиётҳои илмии олимони соҳаи математика барномасозӣ буд, ки бо дониш ва маҳорати бузурги хеш ба инкишофи яке аз саҳифаҳои муҳимму умумибашарӣ, технологияи компютерӣ асос гузошт. Сабаби ихтирои компютер ҳам дар он буд, ки барои ҳисоб намудани амалҳои душвори математикӣ истифода бурда шавад. Дар тӯли асрҳо он роҳи дарози инкишофро аз сар гузаронида, имрӯз бе истифодаи он фаъолияти кории пурсамарро тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Бо назардошти мубрамияти коркарди илмии доираи муаммоҳои тартиб додани масъалаи таълимӣ барои истифодаи компютер дар раванди омӯзиши мафҳум ва муносибатҳои назариявии ва зарур будани таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Давлат Амриддинович шубҳаю тардиде ба миён намеорад.

Аммо, ҳамон тавре ки таҳлили таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, дар муассисаҳои таълимӣ компютерҳо асосан барои омӯзонидани малакаҳои

техникии донишҷӯён истифода мешаванд, иқтидори ТИК барои рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ ба воситаи ТИК пурра истифода намешаванд. Сабаби ин, аз ҷумла, мавҷуд набудани барномаҳои мушаххас оид ба ташаккули рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарси фанҳои табиатшиносӣ тавассути воситаҳои ТИК (шахсияти эҷодӣ, қобилиятҳои эҷодӣ, раванди эҷодӣ) ба ҳисоб рафта, ки дорои анъанаи бой дар тадқиқотҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, омӯзгорӣ, фарҳангӣ ва санъат мебошад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, **ихтилофоти** асосиро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- хусусияти меъёрии фаъолияти таълимӣ ва талабот дар рушди эҷодкории донишҷӯён ҳамчун иқтидори рушди иҷтимоӣ;
- фармоиши иҷтимоии ҷомеа барои шахсияти эҷодкор ва рушди нокифояи технологияҳои психологию педагогӣ дар рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК ҳамчун қобилияти умумии эҷодкорӣ;
- кӯшиши табиии донишҷӯ ба фаъолияти эҷодкорӣ ва низоми маҳдудиятҳо, мамнӯъиятҳо аз ҷониби омӯзгорон ва муҳити иҷтимоӣ;
- иқтидори назаррас дар рушди эҷодкории донишҷӯён дар дарсҳои фанҳои табиатшиносӣ тавассути ТИК, ки дар дарси фанҳои табиатшиносӣ дониш, малака ва маҳорат доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 10 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 7-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар маводҳои конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Ҳамин тарик, мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Давлатов Давлат Амриддинович дар мавзӯи «Имкониятҳои педагогии рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» ба бандҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатов Давлат Амриддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мебошад.

**н.и.и., и.в. дотсент мудири кафедраи система ва технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуллоев Умарҷон Ҳабибуллоевич**

**734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**
**Телефон: +992(37) 234-79-87**
**Факс: +992(37) 234-79-88**
**E-mail: rectorat-tut@mail.ru**
**Сомона: www.tut.tj**

**Сардори Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус** **Бухориев Н.**